Бо қарори Ҳайати мушовараи Вазорат
аз «  » 30 июни соли 2011, №31
маъқул дониста шуд

Методикаи
гузаронидани пурсиши корфармоён барои муайян намудани
талабот ва пешниҳод ба қувваи корӣ

## 1. **Муқаррароти умумӣ**

1. Методикаи пурсиши корфармоён (минбаъд Методика) дар асоси моддаи 15 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» ва Низомномаи Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират таҳия шудааст.

2. Ҳадаф аз таҳияи методикаи мазкур, аз муайян намудани ҳаракати қувваи корӣ дар ташкилоту муассиса ва корхонаҳои миқёси кишвар иборат буда, имконият фароҳам меорад, ки талабот ба қувваи корӣ оқилона ва самарабахш қонеъ карда шавад, ташкили раванди таълими касбӣ вобаста ба талаботи бозори меҳнат ва низоми ягонаи пурсиши корфармоён аз ҷониби мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар ноҳия, шаҳр ва вилоятҳо таъмин карда шавад.

3. Пурсиши корфармоён дар як сол як маротиба аз ҷониби мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар ҳамкорӣ бо кумитаҳои ҳамоҳангсозии мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва сохторҳои марбутаи маҳаллии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

4. Пурсиши корфармоён метавонад ба тариқи электронӣ, телефонӣ ва ё бевосита зимни вохӯри бо онҳо сурат гирад.

5. Ҳадафи гузаронидани пурсиши корфармоён барои муайян намудани талабот ва пешниҳод ба қувваи корӣ аз:

- муайян намудани тағйироти теъдоди кормандон дар корхона, ки аз ҷониби корфармо дар соли 20_ пешбинӣ шудааст, сабаби ин тағйирот ва номгӯи касбҳое, ки теъдоди иловагии кормандон ва ё ихтисор шудани онҳоро талаб менамояд;
- арзёбӣ намудани сатҳи хизматрасонии мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ аз ҷониби корфармоён иборат мебошад.

6. Натиҷаҳои пурсиши корфармоён барои:

- муайян намудани комгӯи касбҳое, ки ба онҳо дар бозори меҳнат талабот мавҷуд аст;
- ташкили раванди мақсаднок ва босамари тайёрии касбии кадрҳо аз ҷониби Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- омода намудани маълумоти зарурӣ барои машварат ва роҳнамоии касбӣ аз ҷониби Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ;
- ташкили курсҳои тайёрии касбӣ, бозомӯзӣ ва баланд бардоштани сатҳи тахассуси касбии корҷӯяндагон ва бекорон мувофиқи талаботи корфармоён ба мутахассисони касбҳои мушаххас дар соҳаҳои иқтисод;
- муайян намудани ҷойҳои кори холии мавҷуда ва имконпазир ҷиҳати фавран интихоб намудани мутахассисон барои корфармоён;

- арзёбии сатҳи хизматрасонии мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ба корҷӯяндагон, бекорон ва корфармоён бо мақсади таҳкими минбаъдаи сатҳу сифати фаъолият дар мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ зарур аст.

7. Роҳбарии методӣ ва машваратии гузаронидани пурсиши корфармоёнро Раёсати бозори меҳнат ва шуғли аҳолии Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират (минбаъд Раёсат) амалӣ менамояд.

8. Зимни гузаронидани пурсиши корфармоён дар ноҳия ва шаҳрҳо роҳбарӣ ва ташкили фаъолияти мақомоти давлатии шуғли аҳолиро дар ноҳия ва шаҳрҳо мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар минтақа ё вилоят таъмин менамояд, вале пурсиши корфармоён бевосита аз ҷониби мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар ноҳия ва шаҳр анҷом дода мешавад.

## 2. Пурсиши интихобии корфармоён

9. Интихоби корфармоён барои гузаринидани пурсиш аз ҷониби мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар ноҳия ва шаҳрҳо дар ҳамкорӣ бо шӯъбаҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар мувофиқа бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ анҷом дода мешавад.

10. Барои пурсиш корхонаҳое интихоб карда мешаванд, ки то санаи 1 январи соли 20 _ ташкил карда шудаанд ва дар онҳо на кам аз 5 нафар корманд кор мекунад.

Ба пурсиш 100 фоиз корхонаҳои калон, 20 фоиз корхонаҳои миёна ва 2 фоиз корхонаҳои хурд сарфи назар аз шакли моликият ва идоракунӣ фаро гирифта мешаванд.

Корхонаҳои калон, корхонаҳое мебошанд, ки зиёда аз 201 корманд доранд, корхонаҳои миёна аз 31 то 200 ва корхонаҳои хурд то 30 нафар.

Интихоби корхонаҳо барои пурсиш аз рӯи аломатҳои зерин сурат мегирад:

- мавқеи ҷойгиршавии корхона;
- шакли фаъолияти иқтисодии корхона;
- теъдоди кормандон дар корхона;
- шакли моликияти корхона.

11. Мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар шаҳру ноҳияҳо рӯйхат ва маълумотро оид ба корфармоёни пурсидашаванда ду рӯз пеш аз гузаронидани пурсиш тибқи ҷадвали 1 омода менамоянд.

Ҷадвали 1

Рӯйхати
корфармоёне, ки аз ҷониби раёсат ё шӯъбаи Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар ноҳияи, шаҳр ва ё вилояти дар соли ______ мавриди пурсиш қарор дода мешаванд

| Рт/т | Номи мақомоти Агентӣ | Номи корхона | Рақами бақайдгирии корхона | Суроғаи корхона | Телефон барои тамос | Суроғаи почтаи электронӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|

12. Зимни гузаронидани пурсиш роҳбарони мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар шаҳру ноҳияҳо танҳо пурсиши он корфармоёнеро, ки ба рӯйхат дохил шудаанд (мувофиқи банди 11) таъмин менамояд.

### 3. **Истифодаи телефонҳо ҳангоми гузаронидани пурсиши корфармоён**

13. Барои гузаронидани пурсиши корфармоён рақамҳои муайяни телефонҳо истифода мешаванд:

- рақами телефонҳоеро, ки барои пурсиши корфармоён истифода мешаванд, роҳбари мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар ноҳия ва шаҳрҳо муайян менамояд;
- маблағгузории истифодаи телефонҳоро роҳбари мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар ноҳия ва шаҳрҳо на дертар аз як рӯз то оғози пурсиши корфармоён таъмин менамояд.

14. Кормандони мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар ноҳия ва шаҳрҳо, ки пурсишро мегузаронанд (минбаъд кормандон) телефонҳоро танҳо барои гузаронидани пурсиши корфармоён истифода мебаранд ва ҳар як занги телефонӣ дар рӯйхат мувофиқи шакли дар ҷадвали 2 овардашуда ба қайд гирифта мешавад.

Ҷадвали 2

Истифодаи телефонҳо барои гузаронидани пурсиши корфармоён дар соли 20____

| Сана | Рақами телефоне, ки бо он алоқа шудааст | Номи корхона | Ному насаби шахсе, ки бо ӯ гуфтугӯ шудааст | Қайдҳо |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| | | | | |

15. Роҳбарони мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар ноҳия ва шаҳрҳо пас аз 5 рӯзи баргузории пурсиши корфармоён тавассути почтаи электронӣ ё хаттӣ шакли ҳисоботии тибқи ҷадвали 2 пуркардашударо ба Раёсати тарҳрезӣ ва молияи дастгоҳи марказии Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират ирсол менамоянд.

### 4. **Тартиби амалӣ намудан ва коркарди натиҷаҳои пурсиши корфармоён**

16. Пурсиши корфармоён дар мӯҳлати 2 ҳафта гузаронида мешавад, то ин ки ҳамаи корфармоёни ба рӯйхат дохилшуда пурра ба пурсиш фаро гирифта шаванд. Дар пурсиш корфармо ё намояндаи ваколатдори он иштирок мекунад.

17. Пурсиши корфармоён аз ҷониби мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар ноҳия ва шаҳрҳо гузаронида мешавад ва барои ин:

- шакли умумии мактуби даъватӣ (замимаи 1 ба методикаи мазкур) барои иштирок дар пурсиш унвонии корфармоён тартиб дода мешавад ва 2 рӯз қабл аз оғози пурсиш он тавассути почтаи электронӣ, хаттӣ ё бевосита ба роҳбарони корхонаҳои дар рӯйхати пурсиш дохилбуда дастрас карда мешавад;
- ҳамҷоя бо мактуби даъватӣ барои иштирок дар пурсиш, корфармоён бо анкетаҳои пурсишӣ таъмин карда мешаванд;
- агар ирсол намудани мактуб ва анкетаи пурсиши тавассути почтаи электронӣ ғайриимкон бошад (масалан хатогӣ дар ирсоли мактуб ё анкетаи пурсиши пайдо шавад), даъват намудани корфармоён ба пурсиш ва анкетаи

пурсиширо тавассути телефон ва ё бевосита ба корфармо дастрас намудан ҳам мумкин аст;

- зимни гузаронидани пурсиш кормандони мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ бо ҳар як корфармо на камтар аз 3 маротиба бояд дар тамос бошанд:

1. Барои ҳавасмандгардонии корфармо ҷиҳати иштирок дар пурсиш

2. Агар корфармо тасмим гирад, ки ба саволҳои анкетаи пурсишӣ тавассути телефон ҷавоб диҳад, кормандон саволҳои дар анкетаи пурсишӣ дарҷшударо ба корфармо медиҳанд, ҷавобҳои гирифтаро қайд мекунанд ва онҳоро дар анкетаи пурсишӣ ворид менамоянд

3. Агар корфармо ё намояндаи ваколатдори он хоҳиши шахсан зимни вохӯрӣ додани ҷавоб ба саволҳои анкетаи пурсиширо дошта бошад, кормандон тавассути телефон бо корфармо дар бораи вақт ва ҷойи вохӯрӣ маслиҳат менамоянд.

Ҳангоми пурсиши бевосита корфармо (ё намояндаи ваколатдори ӯ) анкетаи пурсиширо пур менамоянд. Дар ҳолати зарурӣ кормандони мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ, ки пурсишро мегузаронанд ба корфармо (ё намояндаи ваколатдори ӯ) дар пур кардани анкета ёрӣ мерасонанд.

18. Пур кардани анкетаҳои пурсиши корфармоён мувофиқи қоидаҳои зерин сурат мегирад:

- мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ анкетаҳои пуркардашударо дар шакли электронӣ ё хаттӣ маҳфуз нигоҳ медоранд;

- ҳар як корхонаи барои иштирок дар пурсиш даъватшуда, анкетаи пурсиширо танҳо як маротиба пур мекунад;

- пас аз гузаронидани пурсиши бевосита ба корфармо (ё намояндаи ваколатдори он) нусхаи анкетаи пурсиши дастрас карда мешавад;

19. Коркард ва ҷамъбасти натиҷаҳои пурсиш чунин амалӣ мешавад:

- мақомоти давлатии шуғли аҳолии ноҳия ва шаҳрҳо дар муддати 5 рӯзи корӣ натиҷаҳои пурсишро ҷамъбаст намуда, сипас натиҷаҳои ҷамъбастиро ба мақомоти минтақавӣ ва вилоятии шуғли аҳолӣ ирсол менамоянд;

- мақомоти давлатии шуғли аҳолии минтақавӣ ва вилоятӣ дар муддати 10 рӯзи корӣ натиҷаҳои пурсишро дар сатҳи минтақа ва вилоят ҷамъбаст намуда, ба Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират пешниҳод мекунанд;

- Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират натиҷаҳои пурсиши корфармоёнро дар ноҳия, шаҳр, минтақа ва вилоятҳо ҷамъбаст менамояд ва дар давоми 10 рӯзи корӣ ҳисоботи муфассалро ба Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур менамояд.

**5. Мундариҷаи анкетаи пурсиши корфармоён ва тартиби пур кардани он**

20. Анкетаи пурсишӣ (Замимаи 2 ба методикаи мазкур) аз 23 саволномаҳои ба ҳам алоқаманд иборат мебошад.

***Саволҳои аз 1 то 5*** маълумоти асосиро дар бораи корхона дар бар мегиранд (номи корхона, рақами бақайдгирӣ, суроғаи ҳуқуқӣ, телефон, суроғаи почтаи электронӣ, шахси маъул). Ҷавобҳо бояд дар шакли хаттии овардашуда навишта шаванд.

***Саволи 6*** шакли моликияти корхонаро нишон медиҳад (давлатӣ, хусусӣ, коллективӣ ва дигар шакли моликият, аз ҷумла моликияти муштарак). Бояд яке аз варианти ҷавобҳо интихоб карда шавад.

***Саволи 7*** шакли фаъолияти корхонаро ифода мекунад (Истеҳсолӣ, хизматрасонӣ, тиҷоратӣ). Бояд як намуди фаъолият – шакли асосии фаъолияти иқтисодӣ ва зершакли он интихоб карда шавад.

***Саволи 8*** талаботро ба молу хизматрасонии корхона нишон медиҳад. Дар анкета ҳар як сатр пур карда мешавад ва зарур аст, ки яке аз вариантҳои пешниҳодшуда интихоб карда шавад.

***Саволи 9*** маълумотро дар бораи теъдоди кормандони корхона дар бар мегирад. Дар анкета ҳар як сатр пур карда мешавад ва теъдоди кормандон дар давраи нишондодашуда навишта мешавад.

***Саволи 10*** нишон медиҳад, ки оё тағйирёбии теъдоди кормандон дар давоми аз 1 январи соли 20_ то 31 декабри соли 20_ пешбинӣ шудааст ё не. Зарур аст, ки катакчаи дахлдор пур карда шавад. Дар ҳолате, ки агар дар корхона ихтисор намудани кормандони як намуди касб ва зиёд намудани теъдоди кормандони дигар намуди касб пешбинӣ шуда бошад, имконияти пешниҳоди ду ҷавоб вуҷуд дорад (якум ё дуюм). Агар варианти якуми ҷавоб интихоб карда шавад, пас ба саволи 11 бояд ҷавоб дод. Агар варианти дуюми ҷавоб интихоб карда шавад, пас ба саволи 12 бояд ҷавоб дод. Агар варианти сеюм ва чоруми ҷавоб интихоб карда шавад, пас ба саволи 13 бояд ҷавоб дод.

***Саволи 11*** маълумотро дар бораи нақшаи зиёд намудани теъдоди кормандон аз рӯи касбҳо дар давраи аз 1 январи соли 20_ то 31 декабри соли 20_ дар бар мегирад:

- дар сатри 1 вазифаҳое, нишон дода мешавад, ки дар онҳо зиёд намудани теъдоди кормандон ба нақша гирифта шудааст. Ҷавобҳо дар ин сатр ба шакли хаттӣ навишта мешванд.

- дар сатрҳои 2 ва 3 касбҳое нишон дода мешаванд, ки дар онҳо зиёд намудани теъдоди кормандон ба нақша гирифта шудааст (бо нишон додани рамзҳои дахлдор аз Классификатори касбҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон).

---

- дар сатри 4 сабабҳои зиёд кардани теъдоди кормандон нишон дода мешавад. Ҷавобҳо аз вариантҳои пешниҳодшуда интихоб карда мешаванд.

- дар сатри 5 маълумот дар бораи малакаҳои касбии иловагие, ки корфармо аз кормандон интизор аст, нишон дода мешавад. Ҷавоб ба ин саволро аз рӯйхати ҷавобҳои пешниҳодшуда метавон интихоб намуд ва ё мустақилона ҷавоб навишт;

- дар сатри 6 талабот ба сатҳи тахассусии корманд нишон дода мешавад. Ҷавобро аз рӯйхати ҷавобҳои пешниҳодшуда интихоб намудан мумкин аст;

- дар сатри 7 маълумот дар бораи таҷрибаи зарурии корманд нишон дода мешавад. Ҷавобро аз рӯйхати ҷавобҳои пешниҳодшуда интихоб намудан мумкин аст;

- дар сатри 8 ноҳия ва шаҳре, ки дар он ҷо зиёд намудани теъдоди кормандон дар назар аст, нишон дода мешавад. Агар зиёдшавии теъдоди кормандон дар якчанд ноҳия ва шаҳрҳо ба нақша гирифта шуда бошад, имконияти интихоби якчанд ҷавобҳо аз рӯйхати ҷавобҳои пешниҳодшуда мувофиқи сатри 4 вуҷуд дорад;

- дар сатри 9 (муқобили ноҳия ва шаҳри дахлдор) теъдоди зиёдшавии кормандон нишон дода мешавад. Ҷавоб дар шакли хаттӣ навишта мешавад.

***Саволи 12*** маълумотро дар бораи нақшаи кам намудани теъдоди кормандон аз рӯи касбҳо дар давраи аз 1 январи соли 20_ то 31 декабри соли 20_ дар бар мегирад:

- дар сатри 1 вазифаҳое, нишон дода мешавад, ки дар онҳо кам намудани теъдоди кормандон ба нақша гирифта шудааст. Ҷавобҳо дар ин сатр ба шакли хаттӣ навишта мешаванд.

- дар сатрҳои 2 ва 3 касбҳое нишон дода мешаванд, ки дар онҳо кам кардани теъдоди кормандон дар назар аст (бо нишон додани рамзҳои дахлдор аз Классификатори касбҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон). Дар ҳар як сатр бояд яке аз ҷавобҳои пешниҳодшуда интихоб карда шавад;

- дар сатри 4 сабабҳои кам кардани теъдоди кормандон нишон дода мешавад. Ҷавобҳо аз вариантҳои пешниҳодшуда интихоб карда мешаванд.

- дар сатри 5 ноҳия ва шаҳре нишон дода мешавад, ки дар он ҷо кам кардани теъдоди кормандон мувофиқи сатри 4 дар назар аст. Агар кам кардани теъдоди кормандон дар якчанд ноҳия ва шаҳрҳо ба нақша гирифта шуда бошад, имконияти интихоби якчанд ҷавобҳо аз рӯйхати ҷавобҳои пешниҳодшуда вуҷуд дорад;

- дар сатри 6 (муқобили ноҳия ва шаҳри дахлдор) теъдоди камшавии кормандон нишон дода мешавад. Ҷавоб дар шакли хаттӣ навишта мешавад.

***Саволи 13*** маълумотро оиди дар кадом касб ва вазифаҳо кор кардани кормандони синни пеш аз нафақа нишон медиҳад.

Синну соли пеш аз нафақа барои мардон 62 ва барои занон 57 сол мебошад.

Ҷавоб ба ин савол ба корхонаҳое дахл дорад, ки дар он ҷо чунин кормандон кор мекунанд.

- дар сатри 1 вазифаҳое нишон дода мешаванд, ки дар онҳо кормандони синну соли пеш аз нафақа кор мекунанд. Ҷавобҳо дар шакли хаттӣ навишта мешаванд.

- дар сатрҳои 2 ва 3 касбҳое нишон дода мешаванд, ки дар онҳо кормандони синну соли пеш аз нафақа кор мекунанд (бо нишон додани рамзҳои дахлдор аз Классификатори касбҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон). Дар ҳар як сатр бояд яке аз варианти ҷавобҳои пешниҳодшуда интихоб карда шавад ва теъдоди кормандон навишта шавад;

***Саволи 14*** маълумотро дар бораи ҷойҳои кории холӣ дар корхона дар давраи пурсиш дар бар мегирад. Ҷавобҳо бояд мувофиқи ҷадвали пешниҳодшуда дода шаванд.

***Саволи 15*** маълумотро дар бораи теъдоди ҷойҳои кори нави таъсисдодашуда аз оғози сол то давраи пурсиш дар бар мегирад. Ҷавоб дар шакли дар матни овардашуда навишта мешавад.

Ҷойи нави корӣ – ин ҷойи коре мебошад, ки дар ташкилот ва ё аз тарафи соҳибкори алоҳида ва ё дигар шахс аз ҳисоби афзоиши сармоягузорӣ барои таъмини афзоиши истеҳсолоти асосӣ ва дигар намуди фаъолияти хоҷагидорӣ таъсис дода шудааст ва ба принсипи мақсадноки иқтисодӣ ва амал намудан дар рафти соли тақвимӣ, ҷавобгӯ мебошад.

***Саволи 16*** маълумотро дар бораи теъдоди ҷойҳои кори барҳамдодашуда аз оғози сол то давраи пурсиш дар бар мегирад. Ҷавоб дар шакли дар матни овардашуда навишта мешавад.

***Саволи 17*** маълумотро дар бораи ҷойҳои кори барқароршуда аз оғози сол то давраи пурсиш дар бар мегирад. Ҷавоб дар шакли матни овардашуда навишта мешавад.

***Саволи 18*** маълумотро дар бораи теъдоди кормандоне, ки дар ҷойҳои кори нави таъсисдодашуда ва барқароркардашуда давоми 1 соли охир бо кор таъмин шудаанд, дар бар мегирад. Ҷавоб дар шакли дар матн овардашуда навишта мешавад.

***Саволи 19*** дар бораи чӣ тавр аз ҷониби корхона ҷустуҷӯ кардани кормандони нав маълумот медиҳад. Имконияти интихоби якчанд варианти ҷавобҳо вуҷуд дорад, ё ки тарзу усули дигари ҷустуҷӯи кормандони нав нишон дода мешавад.

***Саволи 20*** маълумот медиҳад, ки оё корфармо бо мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ тайи соли охир ҳамкорӣ дошт ё не. Бояд яке аз варианти ҷавобҳои пешниҳодшуда интихоб карда шавад. Дар сурати интихоб намудани варианти якуми ҷавоб, бояд ба ҷавоби саволи 21 гузашт, дар сурати интихоби варианти дуюми ҷавоб бояд ба ҷавоби саволи 23 гузашт.

***Саволи 21*** доир ба чи тавр воқиф шудани корфармо аз хизматрасониҳои мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ маълумот медиҳад. Имконияти интихоби якчанд варианти ҷавобҳо вуҷуд дорад, ё имконияти нишон додани дигар манбаҳои иттилоотие, ки корфармо аз он истифода намудааст.

***Саволи 22*** дар бораи арзёбии хизматрасониҳои мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ аз ҷониби корфармо маълумот медиҳад. Дар ҳар як сатр бояд яке аз варианти ҷавобҳои пешниҳодшуда интихоб карда шавад. Дар сатри охирон имконияти навиштани дигар намуди ҳамкориҳо бо мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ вуҷуд дорад.

***Саволи 23*** корфармоёне, ки қаблан бо мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ҳамкорӣ надоштанд, нишон медиҳанд, ки кадом намуди хизматрасониҳои ин сохтор барои онҳо мақбул аст ва метавонад заминаи ҳамкорӣ гардад. Имконияти интихоби якчанд варианти ҷавобҳо вуҷуд дорад, ё имконияти нишон додани дигар намуди ҳамкориҳо.

21. Ҳангоми гузаронидани пурсиши корфармоён, кормандон ҷараёни пур кардани анкетаҳоро назорат намуда, дурустии маълумоти дар анкетаҳо дарҷшударо месанҷанд. Кормандон ҳуқуқи тағйир додани мазмуни ҷавобҳоро надоранд, вале ҳуқуқ доранд, ки дар ҳолатҳои зерин ба корфармо машварат диҳанд:

- агар ба ягон савол дар анкетаи пурсишӣ ҷавоб навишта нашуда бошад;
- агар дар саволҳои 11, 12 ва 13 ном ва рамзи касб нодуруст нишон дода шуда бошад.

Барои ислоҳи маълумоти ба дастомада, кормандон метавонанд бо корфармо такроран тамос гиранд.

## 6. Коркарди натиҷаҳои пурсиши корфармоён

22. Натиҷаҳои пурсишро Раёсати бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ ҷамъбаст менамояд.

23. Кормандони раёсат маълумоти иловагиро доир ба ҳар як корхона ҷамъбаст намуда, ҳисоботро дар шакле, ки дар ҷадвали 3 оварда шудааст, омода менамоянд.

Ҷадвали 3

Ҳисобот дар бораи статуси мувофиқати корхона

| Р т/т | Номи корхона | Рақами бақайдгирии давлатии корхона | Кор фармо анкетаи электро-ниро пур кард | Маълумот тариқи телефон гирифта шуд | Маълумот бевосита аз корфар мо гириф-та шуд | Корфармо дар пурсиш иштирок накард | Бо корфар-мо алоқа кардан муяссар нашуд | Номи мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |

Замимаи 1
ба методикаи пурсиши корфармоён
барои муайян намудани талабот ва
пешниҳод ба қувваи корӣ

Бо қарори Ҳайати мушоварави Вазорат

аз «  » __________ соли 2011, №____
маъқул дониста шудааст

Намунаи мактуб

Ба директори (сардори)
номи ташкилот ва корхона
Ному насаб

Раёсати (Шӯъбаи) Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар ноҳияи (шаҳри)_____ ба маълумоти Шумо мерасонад, ки дар давраи аз «_» _______ то «_» ________ соли 20__ бо мақсади муайян намудани талабот ва пешниҳод ба қувваи корӣ дар ноҳия (шаҳр) пурсиши корфармоён гузаронида мешавад.

Дар иртибот ба ин, аз Шумо эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки доир ба иштироки худ дар ин пурсиш моро огоҳ намоед.

Суроғаи мо: ноҳияи (шаҳри)______, кӯч. ________, бинои №__
Телефон барои тамос: _______

Сардори Раёсати (Шӯъбаи)
АДҲИШАМ Ному насаб

Замимаи 2
ба методикаи пурсиши корфармоён
барои муайян намудани талабот ва
пешниҳод ба қувваи корӣ

Бо қарори Ҳайати мушовараи Вазорат

аз «  » __________ соли 2011, №____
маъқул дониста шудааст

Анкетаи (саволномаи) пурсиши корфармоён
(соли 20__)

Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират бо мақсади муайян намудани номгӯи касбҳои мувофиқ ба талаботи бозори меҳнат, ташкили раванди мақсаднок ва босамари тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзии шаҳрвандони корҷӯй ва бекор, таҳия намудани маълумоти зарурӣ барои машварат ва роҳнамоии касбӣ, муайян намудани ҷойҳои кории холӣ ҷиҳати фавран интихоб намудани мутахассисон барои корфармоён ва арзёбии сатҳи хизматрасонии мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ, пурсиши корфармоёнро мегузаронад.

Хеле миннатдор мешудем, агар Шумо фурсате ҷудо намуда ба саволҳои дар анкета пешниҳодшуда ҷавоб мегуфтед. Маълумоти нишондодашуда дар анкета оид ба нақшаи тағйир додани теъдоди кормандон дар корхона, Шуморо водор намесозад, ки тағйироти нишондодаатонро амалӣ намоед.

Манзуратон арз медорем, ки махфияти ҷавобҳои Шумо қатъиян таъмин шуда, маълумоти пешниҳодкардаи Шумо танҳо дар шакли ҷамъбастӣ истифода мешаванд.

Эҳтиромона хоҳиш менамоем маълумоти асосиро дар бораи корхонаи худ нишон диҳед.

1. Номи корхона ______________________________________
2. Рақами бақайдгирии давлатии корхона _______________
3.Суроғаи ҳуқуқии корхона ____________________________
4.Телефонҳо барои тамос _______________________________
5. Шахси масъул ______________________________________
6.Шакли моликияти корхонаатонро нишон диҳед (давлатӣ, коллективӣ, хусусӣ, муштарак (омехта)

| | | |
|---|---|---|
| 1 | Давлатӣ | |
| 2 | Коллективӣ | |
| 3 | Хусусӣ | |
| 4 | Муштарак (омехта) | |

7.Шакли асосии фаъолияти иқтисодии корхонаатонро нишон диҳед (як намуди фаъолият – шакли асосии фаъолияти иқтисодӣ ва зершакли онро нишон диҳед).

| | |
|---|---|
| 1 | А. Хоҷагии қишлоқ ва ҷангал, моҳипарварӣ |
| | 01 Растанипарварӣ ва парвариши ҳайвонот, шикорчигӣ ва фаъолияти ба ҳамин монанд<br>02 Хоҷагии ҷангал ва ҷангалпарварӣ<br>03 Моҳидорӣ, моҳипарварӣ |
| 2 | Б. Саноати истихроҷ ва коркарди карерҳо |
| | 08 Саноати истихроҷ ва коркарди карерҳо<br>09 Намудҳои фаъолияти монан ба саноати истихроҷ ва коркарди карьерҳо |
| 3 | В. Саноати коркарди маҳсулот |
| | 10 Истеҳсолоти маҳсулоти хӯрокворӣ<br>11 Истеҳсолоти нӯшокиҳо<br>12 Истеҳсолоти маҳсулоти тамоку<br>13 Истеҳсолоти маҳсулоти нассоҷӣ<br>14 Истеҳсолоти сару либос<br>15 Истеҳсолоти маҳсулоти чармӣ<br>16 Истеҳсолоти маҳсулот аз чубу тахта, ғайр аз ҷиҳози мебелӣ; истеҳсолоти маҳсулот аз коҳ ва бофташуда<br>17 Истеҳсолоти қоғаз ва маҳсулоти қоғазӣ<br>18 Истеҳсолоти полиграфӣ ва репродуксияи тасвирҳо<br>19 Истеҳсолоти маҳсулоти коркарди нафт ва кокс<br>20 Истеҳсолоти моддаҳои химиявӣ ва маҳсулот аз онҳо<br>21 Истеҳсолоти моддаҳои асосии фармасевтӣ ва препаратҳои фармасевтӣ<br>22 Истеҳсолоти маҳсулоти резинӣ ва пластмассӣ<br>23 Истеҳсолоти маҳсулоти минералии ғайриметалӣ<br>24 Истеҳсолоти маҳсулоти тайёри металлӣ, ғайр аз машинаҳо ва таҷҳизот<br>25 Истеҳсолоти компютерҳо, маҳсулоти электронӣ ва оптикӣ<br>26 Истеҳсолоти маҳсулоти барқӣ<br>27 Истеҳсолоти дигар маҳсулоти таснифнашуда, механизмҳо ва машина-ҳои корӣ<br>28 Истеҳсолоти автомашинаҳо, присепҳо ва полуприсепҳо<br>29 Истеҳсолоти дигар намуди нақлиёт<br>30 Истеҳсолоти мебелҳо<br>31 Истеҳсолоти дигар маҳсулот<br>32 Таъмир ва васл намудани таҷҳизот ва маҳсулоти ёрирасон |
| 4 | Г. Барқ, таъминоти газ, гармӣ ва тоза кардани ҳаво |
| | 35. Барқ, таъминоти газ, гармӣ ва тоза кардани ҳаво |
| 5 | Д. Бо об таъминкунӣ; тоза кардани партовҳо ва обҳои ифлос, санация |
| | 36 Дарёфти об, тоза кардани об ва бо об таъминкунӣ<br>37 Ҷамъоварӣ ва тоза кардани обҳои ифлос<br>38 Ҷамъоварӣ, ҷойгиркунӣ ва коркарди партовҳо; коркарди маводҳо<br>39 Хизматрасонии санитарӣ ва дигар намуди хизматрасониҳо барои коркарди партовҳо |
| 6 | Е. Сохтмон |
| | 41 Сохтмони биноҳо<br>42 Сохтмони муҳандисӣ (инженерӣ)<br>43 Корҳои сохтмонии махсусгардонидашуда |
| 7 | Ё. Савдои яклухт ва чакана; корҳои таъмири автомобилҳо |
| | 45 Савдои яклухт ва чаканаи автомобилҳо, корҳои таъмирӣ<br>46 Савдои яклухт ба ғайр аз автомобилҳо<br>47 Савдои чакана ба ғайр аз автомобилҳо |
| 8 | Ж. Нақлиёт ва нигоҳдорӣ |
| | 49 Нақлиёти заминӣ ва трубопроводӣ<br>50 Нақлиёти обӣ<br>51 Нақлиёти ҳавоӣ |

| | |
|---|---|
| | 52 Нигоҳдорӣ ва корҳои ёрирасони нақлиётӣ<br>53 Кори хадамоти почта ва хаткашонӣ |
| 9 | З. Фаъолияти меҳмонхона ва тарабхонаҳо |
| | 55 Фаъолияти меҳмонхонаҳо<br>56 Фаъолияти тарабхонаҳо |
| 10 | И. Хизматрасониҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ |
| | 58 Корҳои табъу нашр<br>59 Истеҳсоли кинофилмҳо, видеофилмҳо, барномаҳои телевизионӣ ва сабти овоз<br>60 Таҳия ва пахши барномаҳои садо ва симо<br>61 Хизматрасонии алоқаи телефонӣ (Телекоммуникасия)<br>62 Барномасозии компютерӣ, хизматрасонии машваратию маслиҳатӣ ва фаъолияти ба ин монанд<br>63 Хизматрасонии иттилоотӣ |
| 11 | К. Фаъолияти молиявӣ ва суғуртакунӣ |
| | 1 Хизматрасонии молиявӣ, ғайр аз фонди ҷамъшавандаи нафақа ва суғурта<br>2 Суғуртакунӣ ва фонди ҷамъшавии нафақа, ғайр аз суғуртаи ичтимоии ҳатмӣ<br>3 Хизматрасониҳои иловагии молиявӣ ва суғуртакунӣ |
| 12 | Л. Амалиётҳо бо моли ғайриманқул |
| | 68 Амалиётҳо бо моли ғайриманқул |
| 13 | М. Хизматрасониҳои касбӣ, илмӣ ва техникӣ |
| | 69 Хизматрасониҳои ҳуқуқӣ ва муҳосибӣ<br>70 Кори идораҳои марказӣ; хизматрасонии машваратӣ дар масъалаҳои идора-кунӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ<br>71 Хизматрасониҳои меъморӣ ва муҳандисию техникӣ; санҷиш ва таҳлили Техникӣ<br>72 Таҳқиқотҳои илмӣ<br>73 Хизматрасониҳои ташвиқотӣ ва хизматрасониҳо оид ба таҳқиқи бозори Меҳнат<br>74 Дигар хизматрасониҳои касбӣ, илмӣ ва техникӣ<br>75 Хизматрасониҳои ветеринарӣ |
| 14 | Н. Фаъолияти муассисаҳои маъмурӣ ва хизматрасонӣ |
| | 77 Иҷора ва лизинг<br>78 Ҷустуҷӯи қувваи корӣ ва таъминоти кадрӣ<br>79 Хизматрасонии ширкатҳои сайёҳӣ ва операторон ва хизматрасониҳои ба ин алоқаманд<br>80 Хизматрасониҳо оид ба муҳофизат ва тафтишот<br>81 Хизматрасониҳои меъморони соҳаи сохтмон<br>82 Фаъолияти марказҳои маъмурӣ ва дигар хизматрасониҳои иловагӣ |
| 15 | О. Идоракунии давлатӣ ва муҳофизат; суғуртаи иҷтимоии ҳатмӣ |
| | 84 Идоракунии давлатӣ ва муҳофизат; суғуртаи иҷтимоии ҳатмӣ |
| 16 | П. Маориф |
| | 85 Маориф |
| 17 | Қ. Тандурустӣ ва дастгирии иҷтимоӣ |
| | 86 Тандурустӣ<br>87 Дастгирии иҷтимоӣ бо ҷойгиркунонӣ дар Хона-интернатҳо, парваришгоҳҳо Хонаҳои кӯдакон ва ғ. [4]<br>88 Дастгирии иҷтимоӣ бе ҷойгиркунӣ дар Хона-интернатҳо, парваришгоҳҳо, хонаҳои кӯдакон ва ғ |
| 18 | Р. Фарҳанг ва фароғат |
| | 90 Фаъолияти эҷодӣ, бадеӣ ва фарҳангию фароғатӣ<br>91 Фаъолияти китобхонаҳо, бойгониҳо, осорхонаҳо ва дигар муассисаҳои |

| | |
|---|---|
| | Маданӣ<br>92 Чорабиниҳои варзишӣ, фаъолият дар бахши фарҳанг ва фароғат |
| 19 | С. Дигар хизматрасониҳо |
| | 94 Фаъолияти ташкилотҳои сиёсӣ, ҷамъиятӣ ва дигар ташкилотҳо<br>95 Таъмири компютерҳо, воситаҳои истифодаи фардӣ ва ашёи хоҷагӣ<br>96 Расонидани дигар хизматрасониҳои фардӣ |

8. Талаботро ба молу хизматрасонии корхонаатон баҳо диҳед (бо дарназардошти тағйиротҳои мавсимӣ)

| | | Коҳиш ёфт/ коҳиш меёбад | Бетағйир монд/ бетағйир мемонад | Афзоиш ёфт/ меафзояд |
|---|---|---|---|---|
| | | 1 | 2 | 3 |
| 1 | Талабот ба молу хизмат-расонии корхона дар 6 моҳи гузашта | | | |
| 2 | Талабот ба молу хизмат-расонии корхона дар 6 моҳи оянда | | | |

9. Теъдоди кормандон дар давраи нишондодашуда чӣ қадар буд?

| | | |
|---|---|---|
| 1 | Ба ҳолати 1 октябри соли 2011 | х (нафар) |
| 2 | Ба ҳолати 1 октябри соли 2010 | х (нафар) |

10. Оё дар корхонаи Шумо тағйирёбии теъдоди кормандон дар давраи аз 1 январи соли 20_ то 31 декабри соли 20_ пешбинӣ шудааст? *(дар ҳолате, ки агар дар корхона ихтисор намудани кормандони як намуди касб ва зиёд намудани кормандони касби дигар пешбинӣ шуда бошад, ду варианти ҷавоб имконпазир аст 1 ва 2)*

| | | | |
|---|---|---|---|
| 1 | Зиёд намудани теъдоди кормандон дар назар аст | Ба «х» нафар | Ба ҷавоби саволи 11 гузаред |
| 2 | Ихтисор намудани теъдоди кормандон дар назар аст | Ба «х» нафар | Ба ҷавоби саволи 12 гузаред |
| 3 | Тағйир додани теъдоди кормандон дар назар нест | | Ба ҷавоби саволи 13 гузаред |
| 4 | Дигар маълумот (нависед) | | Ба ҷавоби саволи 13 гузаред |

11. Зиёдшавии теъдоди кормандони кадом ихтисос дар давраи аз 1 январи соли 20_ то 31 декабри соли 20_ пешбинӣ шудааст?

| | | Ҷавоб нависед ё ки аз рӯйхати варианти ҷавобҳои пешниҳод-шуда ҷавоберо инти-хоб намоед |
|---|---|---|
| 1 | Вазифа дар корхона (барои иҷрои як вазифа малакаҳои касбӣ аз рӯи якчанд ихтисос лозим бошанд, масалан роҳбари шӯъба бо доштани малакаҳои касбии муҳосибӣ) | |
| 2 | Касбҳо (мувофиқи Классификатори касбҳо дар ҶТ) | |

| | | |
|---|---|---|
| 3 | Рамзи касб (мувофиқи Классификатори касбҳо дар ҶТ) | |
| 4 | Сабаби зиёд намудани теъдоди кормандон (интихоб кунед) | |
| 4.1 | Васеъ кардани истеҳсолоти асосӣ | |
| 4.2 | Ворид намудани технологияи нав ва истеҳсоли маҳсулот | |
| 4.3 | Барқарорсозии ҷойҳои корӣ | |
| 4.4 | Дигар сабаб (нависед) | |
| 5 | Ба корманд малакаҳои касбии иловагӣ зарур аст: | |
| 5.1 | Донистани забони давлатӣ | |
| 5.2 | Донистани забони хориҷӣ (кадом забонҳо, нависед) | |
| 5.3 | Малакаи кор бо компютер дар сатҳи истифодабаранда | |
| 5.4 | Донистани барномаҳои мушаххаси компютерӣ (кадом барномаҳо, нависед) | |
| 5.5 | Ҳуҷҷати ронандагӣ (категорияашро нависед) | |
| 5.6 | Малакаҳои муошират ва ҳамкорӣ | |
| 5.7 | Малакаҳои корӣ дар шароити тағйирёбанда | |
| 5.8 | Дигар малакаҳо (кадом малакаҳо, нависед) | |
| 6 | Сатҳи зарурии маълумот: | |
| 6.1 | Олӣ | |
| 6.2 | Маълумоти миёнаи умумӣ | |
| 6.3 | Маълумоти касбии умумӣ | |
| 6.4 | Маълумоти асосӣ | |
| 6.5 | Таҳсилоти аз сатҳи маълумоти асосӣ паст | |
| 6.6 | Маълумот аҳамият надорад | |
| 7. | Таҷрибаи кории зарурӣ | |
| 7.1 | Аз як сол кам | |
| 7.2 | Як сол | |
| 7.3 | 2-4 сол | |
| 7.4 | Аққалан 5 сол | |
| 7.5 | Таҷрибаи корӣ муҳим нест | |
| 8. | Шаҳр / ноҳия | |
| 9. | Зиёд мешавад ба миқдори (нафар) | |

*Агар зиёдшавии теъдоди кормандон аз рӯи ягон касбӣ дигар дар назар бошад, корфармо метавонад дар анкетаи пурсишӣ ин касбҳои иловагиро дохил намояд.*

12. Ихтисор намудани (камшавии) теъдоди кормандони кадом ихтисос дар давраи аз 1 январи соли 20_ то 31 декабри соли 20_пешбинӣ шудааст?

| | | Ҷавоб нависед ё ки аз рӯйхати варианти ҷавобҳои пешниҳодшуда ҷавоберо интихоб намоед |
|---|---|---|
| 1 | Вазифа дар корхона | |
| 2 | Касбҳо (мувофиқи Классификатори касбҳо дар ҶТ) | |
| 3 | Рамзи касб (мувофиқи Классификатори касбҳо дар ҶТ) | |
| 4 | Сабаби ихтисор намудани теъдоди кормандон (нависед) | |
| 4.1 | Ихтисор шудани фаъолияти хоҷагии корхона | |
| 4.2 | Барҳам хӯрдани корхона | |
| 4.3 | Ба итмом расидани корҳои мавсимӣ | |
| 4.4 | Ба нафақа баромадани корманд | |
| 4.5 | Дигар сабабҳо (нависед) | |

| | | |
|---|---|---|
| 5. | Шаҳр / ноҳия | |
| 6 | Кам мешавад ба миқдори (нафар) | |

*Агар камшавии теъдоди кормандон аз рӯи ягон касбӣ дигар дар назар бошад, корфармо метавонад дар анкетаи пурсишӣ ин касбҳои иловагиро дохил намояд.*

13. Дар корхона кормандони пеш аз синни нафақа дар кадом касбҳо кор мекунанд (барои мардон синни 62 сола, барои занон 57 сола)? Ҷавоб танҳо дар сурати кор кардани чунин кормандон дар корхона дода мешавад.

| | | Теъдоди кормандон |
|---|---|---|
| 1 | Вазифа дар корхона (барои иҷрои як вазифа малакаҳои касбӣ аз рӯи якчанд ихтисос лозим бошанд, масалан роҳбари шӯъба бо доштани малакаҳои касбии муҳосибӣ) | |
| 2 | Касбҳо (мувофиқи Классификатори касбҳо дар ҶТ) | |
| 3 | Рамзи касб (мувофиқи Классификатори касбҳо дар ҶТ) | |

*Агар кормандони пеш аз синни нафақа боз дар ягон намуд касби дигар кор мекарда бошанд, корфармо метавонад дар анкетаи пурсишӣ ин касбҳои иловагиро дохил намояд.*

14. Оё дар давраи пурсиш дар корхонаи Шумо ҷойҳои кории холӣ мавҷуд ҳаст? Агар «Ҳа», номгӯи касбҳо, шумора ва сабабҳои банд нашудани ин касбҳоро нависед.

| Ихтисос | Шумора | Сабаби банд нашудани ҷойҳои кори | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Набудани мутахассис | Маоши паст | Шароити вазнини меҳнат | Дигар сабаб |
| | | | | | |

15. Дар корхонаи Шумо аз оғози сол то давраи пурсиш чӣ қадар ҷойҳои кории нав таъсис дода шудааст?

| | | |
|---|---|---|
| 1 | Ҳамагӣ ҷойҳои кори таъсисдодашуда (ҷойи кор) | |
| | Аз ҷумла: | |
| 1.1 | Ҷойҳои кори доимӣ | |
| 1.2 | Ҷойҳои кори муваққатӣ | |
| 1.3 | Ҷойҳои кори мавсимӣ | |
| | Аз ҷумла аз рӯи дараҷаи маълумот: | |
| 1.4 | Маълумоти ибтидоии касбӣ (касбҳои коргарӣ) | |
| 1.5 | Маълумоти миёнаи касбӣ | |
| 1.6 | Маълумоти олии касбӣ | |

16. Дар корхонаи Шумо аз оғози сол то давраи пурсиш чӣ қадар ҷойҳои корӣ барҳам дода шудааст?

| | | |
|---|---|---|
| 1 | Ҳамагӣ ҷойҳои кори барҳамдодашуда (ҷойи кор) | |
| | Аз ҷумла: | |
| 1.1 | Ҷойҳои кори доимӣ | |
| 1.2 | Ҷойҳои кори муваққатӣ | |
| 1.3 | Ҷойҳои кори мавсимӣ | |
| | Аз ҷумла аз рӯи дараҷаи маълумот: | |
| 1.4 | Маълумоти ибтидоии касбӣ (касбҳои коргарӣ) | |
| 1.5 | Маълумоти миёнаи касбӣ | |
| 1.6 | Маълумоти олии касбӣ | |

17. Дар корхонаи Шумо аз оғози сол то давраи пурсиш чӣ қадар ҷойҳои корӣ барқарор карда шудааст?

| | | |
|---|---|---|
| 1 | Ҳамагӣ ҷойҳои кори барқароркардашуда(ҷойи кор) | |
| | Аз ҷумла: | |
| 1.1 | Ҷойҳои кори доимӣ | |
| 1.2 | Ҷойҳои кори муваққатӣ | |
| 1.3 | Ҷойҳои кори мавсимӣ | |
| | Аз ҷумла аз рӯи дараҷаи маълумот: | |
| 1.4 | Маълумоти ибтидоии касбӣ (касбҳои коргарӣ) | |
| 1.5 | Маълумоти миёнаи касбӣ | |
| 1.6 | Маълумоти олии касбӣ | |

18. Шумораи кормандоне, ки ба ҷойҳои кории таъсисдодашуда ва барқароркардашуда дар давоми 1 соли охир ба кор қабул карда шудаанд.

| | | |
|---|---|---|
| 1 | Ҷойҳои кори доимӣ | |
| 2 | Ҷойҳои кори муваққатӣ | |
| 3 | Ҷойҳои кори мавсимӣ | |
| | Аз ҷумла аз рӯи дараҷаи маълумот: | |
| 4 | Маълумоти ибтидоии касбӣ (касбҳои коргарӣ) | |
| 5 | Маълумоти миёнаи касбӣ | |
| 6 | Маълумоти олии касбӣ | |

19. Дар корхонаи Шумо ҷустуҷӯи кормандони нав чӣ тавр сурат мегирад? (Мумкин аст якчанд варианти ҷавобҳо интихоб карда шавад )

| | | |
|---|---|---|
| 1 | Тавассути дар ВАО ҷойгир намудани эълонҳо дар бораи ҷойҳои кории холӣ | |
| 2 | Ба воситаи Интернет | |
| 3 | Бо мусоидати оҷонсиҳо оид ба интихоби кормандон | |
| 4 | Бо ёрии мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ | |
| 5 | Бо истифода аз муносибатҳои шахсӣ | |
| 6 | Бо дигар роҳҳо (нависед) | |

20. Оё Шумо дар давоми як соли охир бо мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ҳамкорӣ доштед (Дар бораи мавҷудияти ҷойҳои кори холӣ дар корхонаатон ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ маълумот пешниҳод намудед, аз чорабиниҳои фаъоли мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ доир ба бокортаъминкунӣ истифода намудед ва ғ.)?

| | | |
|---|---|---|
| 1 | Ҳа | Ба ҷавоби саволи 21 гузаред |
| 2 | Не | Ба ҷавоби саволи 23 гузаред |

21. Чи тавр Шумо дар бораи мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ва хизматрасониҳои он маълумот пайдо намудед? (Мумкин аст якчанд варианти ҷавобҳо интихоб карда шавад )

| | | |
|---|---|---|
| 1 | Аз сомонаи www.labour.tj **ва vacant.tj** маълумоти заруриро гирифтам | |
| 2 | Аз васоити ахбори омма маълумот пайдо намудам | |
| 3 | Аз сохторҳои маҳаллии мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ маълумот пайдо намудам | |
| 4 | Аз шиносҳо ва дӯстонам маълумот гирифтам | |
| 5 | Аз манбаи дигар маълумот гирифтам (нависед аз кадом манбаъ) | |

22. Хоҳишмандем сатҳи ҳамкориатонро бо Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират баҳо диҳед (дар ҳар як сатр танҳо як ҷавобро интихоб намоед).

| | Мусбӣ | Қаноатбахш | Манфӣ | Истифода накардаам |
|---|---|---|---|---|
| Ҷустуҷӯ ва интихоби кормандон | | | | |
| Ҳамкорӣ дар самти омӯзиши касбии кормандон | | | | |
| Корҳои муваққатии музднок | | | | |
| Бокортаъминкунӣ тавассути ҷойҳои кори бандшуда (квота) | | | | |
| Гузаштани таҷрибаи истеҳсолӣ дар корхона | | | | |
| Пардохти кӯмакпулӣ барои бекорӣ ҳангоми ихтисоршавӣ аз корхона | | | | |
| Истифода аз сомонаи www.labour.tj **ва vacant.tj** | | | | |
| Дигар ҳамкориҳо (агар бошад нависед) | | | | |

23. Кадом аз имконияти ҳамкориҳои зерин бо Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират метавонад Шуморо ҳавасманд гардонад (Мумкин аст якчанд варианти ҷавобҳо истифода шавад)?

| | | |
|---|---|---|
| 1 | Имконияти ҷойгир намудани маълумот оид ба ҷойҳои кори холии корхона дар махзани маълумот оид ба ҷойҳои кории холии Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират | |
| 2 | Истифода аз хизматрасониҳои Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар интихоби кормандон | |
| 3 | Дархости пешниҳод барои ба омӯзиши касбӣ фаро гирифтани кормандон аз рӯи ихтисоси ба корхонаи Шумо зарурӣ | |
| 4 | Иштироки Шумо дар чорабиниҳо «Оид ба омӯзиши касбии бевосита шаҳрвандони бекор дар корхона» | |
| 5 | Муваққатан ба кор қабул намудани шаҳрвандони бекор, бо дастгирии иловагӣ аз ҷониби давлат | |
| 6 | Бо дастгирии иловагии давлат ба кор қабул намудани шаҳрвандони маъюби қобили меҳнат ва ё бекороне, ки дар вазъи номусоиди иқтисодӣ қарор доранд | |
| 7 | Таъмини таҷрибаи кӯтоҳмуҳлати бекорон дар корхона, бо дастгирии иловагӣ аз ҷониби давлат | |
| 8 | Ба кор қабул намудани кормандон аз дигар манотиқи ҷумҳурӣ | |
| 9 | Гирифтани маслиҳати ҳуқуқӣ дар бораи хизматрасониҳо аз ҷониби Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират | |
| 10 | Дигар намуди ҳамкориҳо (нависед) | |
| 11 | Ҳамкорӣ кардан намехоҳам | |

Барои иштирокатон дар Пурсиш миннатдорем!